**Бо фармоиши Ваколатдор**
**оид ба ҳуқуқи инсон дар**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз «04» октябри**
**соли 2016 №114**
**тасдиқ шудааст**

# Низомномаи
# Дастгоҳи марказии мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

## Боби 1. Муқаррароти умумӣ

1.1. Низомномаи Дастгоҳи марказии мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Низомнома) дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, вазъи ҳуқуқӣ, ташкилӣ, сохтор, вазифаҳо, функсияҳо, ва тартиби фаъолияти Дастгоҳи марказии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро (минбаъд-Дастгоҳи марказӣ) муайян намуда, тартиби таъмини фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - ВҲИ) ва Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро (минбаъд - ВҲК) танзим менамояд.

1.2. Дастгоҳи марказӣ дар фаъолияти худ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармону амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарору фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин Низомномаи мазкурро ба асос ва роҳбарӣ мегирад.

1.3. Маблағгузории Дастгоҳи марказӣ аз ҳисоби маблағҳои ҷумҳуриявӣ, ки дар Буҷети давлатии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли дахлдор дар сатри алоҳида барои мақомоти ВҲИ нишон дода мешавад, инчунин маблағҳои тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда, сурат мегирад.

## Боби 2. Сохтор ва тартиби ташкили Дастгоҳи марказӣ

2.1. Низомномаи Дастгоҳи марказӣ ва дигар санадҳое, ки фаъолияти Дастгоҳи марказиро танзим менамоянд, инчунин сохтор ва басти воҳидҳои кориро дар доираи лимити шумораи хизматчиёни давлатӣ, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, ВҲИ тасдиқ мекунад.

2.2. Дастгоҳи марказӣ аз Роҳбари Дастгоҳ, воҳидҳои сохторӣ ва мутахассисон иборат мебошад.

2.3. Ба фаъолияти Дастгоҳи марказӣ бевосита Роҳбари Дастгоҳ роҳбарӣ менамояд. Дар мавриди муваққатан ҳузур надоштани Роҳбари Дастгоҳ вазифаҳои ӯ бо фармони ВҲИ ба зиммаи яке аз сардорони шуъбаҳои Дастгоҳи марказӣ гузошта мешавад.

2.4. Роҳбари Дастгоҳ ва кормандони Дастгоҳи марказӣ тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ аз ҷониби ВҲИ ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешаванд.

2.5. Бастани шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ бо хизматчиёни давлатӣ ва кормандони ҳайати техникӣ ва хизматрасон тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.

2.6.Шартҳои пардохти музди меҳнат, суғуртаи иҷтимоӣ, таъминотӣ моддию техникӣ, тиббӣ, иҷтимоию маишӣ, нафақа ва таъминоти дигари хизматчиёни давлатӣ, кормандони ҳайати техникӣ ва хизматрасони Дастгоҳи марказӣ бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегарданд.

2.7. Бо гузаштани муҳлати ваколати ВҲИ, инчунин дар мавридҳои пеш аз муҳлат қатъ гардидани ваколати ӯ ва таъини Ваколатдори нав фаъолияти Дастгоҳи марказӣ қатъ намегардад.

**Боби 3. Вазифаҳо ва функсияҳои асосии Дастгоҳи марказӣ**

3.1. Мақсади асосии Дастгоҳи марказӣ таъмини фаъолияти ҳуқуқӣ, ташкилӣ, илмию таҳлилӣ, иттилоотию ахборотӣ ва дигар намудҳои фаъолияти ВҲИ ва ВҲК мебошад, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанд.

3.2. Вазифаҳои асосии Дастгоҳи марказӣ аз инҳо иборатанд:

а) фароҳам овардани шароит барои кори самарабахши ВҲИ ва ВҲК бо мақсади:

- тақвияти кафолатҳои конститутсионии ҳимояи давлатии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон;

- пурра амалӣ намудани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, барқарор намудани ҳуқуқҳои вайроншуда;

- таъмини риоя ва эҳтироми ҳуқуқ ва озодиҳои инсон аз тарафи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва шахсони мансабдори корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон;

б) таъмини ҳамкории ВҲИ ва ВҲК бо Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, шахсони

мансабдор, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва мақомот судӣ оид ба масъалаҳои риоя, ҳимоя ва пешрафти ҳуқуқ ва озодиҳои инсон;

в) таъмини ҳамкории ВҲИ ва ВҲК бо созмонҳои ҷамъиятии ҳуқуқҳимоякунанда ва дигар ташкилоту сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ;

г) таъмини фаъолияти таҳлилии ВҲИ ва ВҲК, аз ҷумла ҳангоми тайёр намудани маърӯзаҳои ҳарсола ва махсуси ВҲИ ва ВҲК дар соҳаи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон;

д) таъмини кор бо мурочиатҳои шаҳрвандони Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд (минбаъд – мурочиаткунандагон), ки ба суроғаи ВҲИ ва ВҲК ворид шудаанд, тибқи Дастурамали тартиби баррасии мурочиатҳои шаҳрвандон;

е) роҳбарӣ ба фаъолияти Намояндагиҳо ва Қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ дар ВМКБ, вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо тибқи Низомномаи Намояндагиҳо ва Низомномаи Қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ;

ж) баланд бардоштани маърифатнокии шаҳрвандон ва ба онҳо фаҳмондани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, инчунин шаклу воситаҳои ҳифзи онҳо;

з) таҳияи лоиҳаи хулосаҳо ва таклифҳо оид ба такмили қонунгузорӣ дар бораи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон;

и) бо маводи таҳлилӣ-иттилоотӣ, маълумотдиҳӣ ва маводи дигар таъмин намудани ВҲИ ва ВҲК;

л) ташкили инъикоси фаъолияти ВҲИ ва ВҲК дар воситаҳои ахбори омма;

м) ба роҳ мондани таъминоти кадрӣ, молиявӣ ва моддию техникии фаъолияти ВҲИ ва ВҲК.

3.3. Дастгоҳи марказӣ барои иҷрои мақсаду вазифаҳои худ корҳои зеринро амалӣ менамояд:

дар самти таъмини фаъолияти ВҲИ ва ВҲК оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон:

- таҳлили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи пешниҳодоти мушаххас оид ба такмили қонунгузорӣ дар соҳаи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон;

- таҳияи лоиҳаи санадҳои дахлдор оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунҳо ва санадҳои дигари ҳуқуқӣ вобаста ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон;

- таҳияи хулосаҳо ба лоиҳаи қонунҳое, ки барои мувофиқа ба ВҲИ ва ВҲК ворид гардидаанд;

- таҳияи пешниҳодҳо вобаста ба ҳамроҳшавӣ ба (ба имзо расонидан, ҳамроҳ шудан) шартномаҳои байналмилалие, ки ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дахл доранд;

- таҳияи дархости ВҲИ ва ВҲК барои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муайян кардани ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат кардани қонунҳо ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқие, ки ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дахл доранд;

- таҳия намудани дархости ВҲИ ва ВҲК барои муроҷиат ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тафсири расмии қонунҳои қабулнамудаи он;

- ташкили қабули шаҳрвандон аз ҷониби ВҲИ ва ВҲК ва кормандони Дастгоҳи марказӣ;

- баррасии пешакӣ ва омодасозии лоиҳаи хулосаҳо доир ба муроҷиатҳои шаҳрвандон, ки ба номи ВҲИ ва ВҲК ворид шудаанд, баҳисобгирӣ ва бақайдгирии онҳо;

- санҷиши муроҷиатҳои алоҳидаи шаҳрвандон бо супориши ВҲИ ва ВҲК, тайёр кардани маълумот оид ба натиҷаҳои санҷиш.

Дар самти фаъолияти иттилоотӣ-таҳлилии ВҲИ ва ВҲК:

- сари вақт ва босифат омода кардани ҳамаи маводҳои зарурии таҳлилӣ, оморӣ ва ташкилию техникӣ барои аз ҷониби ВҲИ ва ВҲК пешниҳод намудани маърӯзаҳои ҳарсола ва маърӯзаҳои махсус. Кори таҳлилӣ дар асоси андешаҳои мутамаддину муосир дар бораи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, дар бораи воситаҳои ҳимояи онҳо сурат гирифта, ба дурнамои пешрафти ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар мамлакат равона мегардад;

- мониторинги вазъи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таҳия кардани маълумоти расмӣ дар бораи кори ВҲИ ва ВҲК, ташкил ва гузарондани нишастҳои матбуотӣ ва вохӯриҳои ВҲИ ва ВҲК бо намояндагони воситаҳои ахбори омма оид ба масъалаҳои фаъолияти ВҲИ ва ВҲК;

- дастгирӣ ва таҳкими робитаю ҳамкориҳо бо мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, созмонҳои ғайридавлатӣ ва байналмилалӣ;

- ташкили хазинаи махсуси адабиёт дар соҳаи ҳуқуқи инсон.

Дар самти таъминоти ташкилию техникӣ, молиявию хоҷагӣ ва таъминоти дигари фаъолияти ВҲИ ва ВҲК:

- воқиф гардондани кормандони Дастгоҳи марказӣ аз тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таъминоти ташкилию молиявии мониторингҳо ва фаъолияти санҷишӣ, ки кормандони Дастгоҳи марказӣ мегузаронанд.

**Боби 4. Воҳидҳои сохтории Дастгоҳи марказӣ**

4.1. Воҳидҳои сохтории Дастгоҳи марказӣ аз шуъбаҳо ва бахшҳо иборат буда, фаъолияти худро дар ҳамкории байниҳамдигарӣ ба амал мебароранд.

4.2. Шуъбаҳо ва бахшҳо барои мусоидат намудан ба амалисозии ваколатҳои ВҲИ ва ВҲК, ки бо қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанд, созмон меёбанд.

Шуъбаҳои Дастгоҳи марказӣ (минбаъд – шуъбаҳо) ва бахшҳои Дастгоҳи марказӣ (минбаъд – бахшҳо) вазифаҳои худро тибқи ҳамин Низомнома ва низомномаҳои худ ба амал мебароранд.

Дар Дастгоҳи марказӣ шуъбаҳо ва бахшҳои зерин ташкил карда шудаанд:

- шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ;
- шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ;
- шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои кӯдак;
- шуъбаи ташкилӣ, иттилоотӣ ва таҳлилӣ;
- бахши умумӣ ва хизмати давлатӣ;
- бахши молиявӣ-хоҷагӣ.

ВҲИ метавонад тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон шуъбаҳо ва бахшҳои дигарро дар доираи маблағҳои ҷудошуда ташкил намояд.

Ба кори шуъба бевосита сардори шуъба роҳбарӣ мекунад. Ба кори бахш бевосита мудири бахш роҳбарӣ менамояд.

4.3. Вазифаҳои асосии шуъбаҳо ва бахшҳо аз фароҳам овардани шароит барои кори пурмаҳсули ВҲИ ва ВҲК, ки ба амалисозии ваколатҳои онҳо оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, инчунин ба пешгирии вайрон кардани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва/ё мусоидат ба барқарор намудани онҳо равона гардидаанд, иборат мебошад.

4.4. Шуъбаҳо ва бахшҳо бо мақсади иҷрои вазифаҳои ба зиммашон гузошташуда:

- мурожиатҳои хаттӣ ва шифоҳии шаҳрвандонро баррасӣ менамоянд ва ба ҳаллу фасли онҳо дар мақомоти давлатӣ назорат мекунанд;
- дар тайёр кардани лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ширкат варзида, ба лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ хулоса омода мекунанд;
- оид ба вазъи ҳуқуқҳои инсон бо супориши роҳбарият дар ҷойҳо омӯзиш, санҷиш ва мониторинг мегузаронанд;
- дар самтҳои дахлдори фаъолият корҳои иттилоотониро анҷом дода, дар баланд бардоштани маърифтнокии аҳолӣ оид ба ҳуқуқи инсон мусоидат менамоянд;
- ҷараёни иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистонро дар соҳаи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, ҷиҳати онҳо таклифу тавсияҳо пешниҳод менамоянд;
- ба шаҳрвандон маслиҳатҳои ҳуқуқӣ ва ёрии амалӣ мерасонанд;
- корҳои анҷомдодашударо мавриди таҳлил қарор дода, аз натиҷаи онҳо ҳисоботҳо (моҳона, семоҳа, нимсола ва солона), маълумотномаҳо ва гузоришҳоро омода мекунанд;
- бо супориши ВҲИ ва ВҲК маводҳоро барои маърӯзаҳои ҳарсола ва махсуси ВҲИ ва ВҲК таҳия менамоянд.

4.5. Салоҳияти шуъбаҳо ва бахшҳо:

- ба Роҳбари Дастгоҳ пешниҳод кардани таклифҳо дар бораи тағйир додани ҳамин Низомнома ва шароитҳои кор;
- аз воҳидҳои сохтории Дастгоҳи марказӣ талаб карда гирифтани маводу маълумотҳое, ки барои иҷрои вазифаҳои ба зиммаашон гузошташуда зарур мебошанд;

- бо дастури роҳбарият шиносшавӣ бо вазъи кор дар маҳалҳо оид ба иҷрои қонунгузорӣ дар бораи ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон;

- ҷамъ овардани ҳуҷҷатҳо, маълумотномаҳо ва дигар маълумотҳое, ки барои иҷрои вазифаҳояшон оид ба баррасии муроҷиатҳои шаҳрвандон зарур мебошанд;

- шуъба ва бахшро дар кори Дастгоҳи марказӣ оид ба баррасии муроҷиатҳо намояндагӣ мекунанд;

- гузарондани таҳлили доимии муроҷиатҳои воридгардида, ошкор намудани тамоюли тағйирёбии вазъ дар ин соҳа, ҷамъбаст кардани натиҷаҳои таҳлили муроҷиатҳо ва тайёр намудани таклифу тавсияҳо оид ба онҳо;

- иштирок кардан дар маҷлису машваратҳои Дастгоҳи марказӣ;

- пешниҳод намудани таклифҳо оид ба беҳтар кардани кори шуъба, бахшҳо ва Дастгоҳи марказӣ.

## Боби 5. Салоҳияти Роҳбари Дастгоҳи марказӣ ва роҳбарони воҳидҳои сохторӣ

5.1. Роҳбари Дастгоҳ:

- ба Дастгоҳи марказӣ роҳбарӣ менамояд;

- нақшаи кори Дастгоҳи марказӣ, дастурамалҳои мансабӣ ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии дохилиро, ки кори Дастгоҳи марказиро ба танзим медароранд, барои тасдиқ ба ВҲИ пешниҳод мекунад;

- оид ба сохтори Дастгоҳи марказӣ ва воҳидҳои сохтории он, инчунин оид ба фаъолияти Дастгоҳи марказӣ ба ВҲИ таклиф пешниҳод менамояд;

- фаъолияти Дастгоҳи марказиро ба роҳ мемонад ва барои иҷрои вазифаҳои ба зиммаи Дастгоҳи марказӣ вогузоршуда шахсан масъул мебошад;

- кори воҳидҳои сохтории Дастгоҳи марказиро ҳамоҳанг месозад ва зери назорат мегирад, ба баланд бардоштани сатҳи ихтисоси кормандони он мусоидат мекунад;

- ба иҷрои фармону фармоишҳои ВҲИ назорат менамояд;

- ба ВҲИ дар бораи ба вазифа таъин кардан ва аз вазифа озод намудани хизматчиёни давлатӣ ва кормандони техникии Дастгоҳи марказӣ таклифҳо пешниҳод менамояд;

- дар бораи ҳавасмандгардонии кормандони Дастгоҳи марказӣ ё нисбати онҳо татбиқ намудани чораҳои интизомӣ аз рӯи тартиби муқарраршуда ба ВҲИ таклифҳо пешниҳод мекунад;

- ҳамкории Дастгоҳи марказиро бо Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳо, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, инчунин бо созмонҳои ғайридавлатӣ ва байналмилалӣ таъмин менамояд;

- бо супориши ВҲИ ва ВҲК аз мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва ташкилоту муассисаҳои дигар,

сарфи назар аз шакли моликияташон, дар бораи рафти иҷрои санадҳои вокуниш ва муроҷиатҳои ВҲИ ва ВҲК маълумот талаб карда мегирад;

- бо супориши ВҲИ ва ВҲК тибқи ҳамин Низомнома вазифаҳои дигарро иҷро менамояд.

5.2. Сардори шуъба (мудири бахш):

- ба шуъба (бахш) роҳбарӣ менамояд;
- ташкили бояду шояди кори кормандони шуъбаро (бахшро) таъмин ва назорат мекунад, оид ба беҳтар намудани кори шуъба (бахш) таклифҳо таҳия месозад;
- дар масъалаҳое, ки ба салоҳияти шуъба (бахш) дохил мешаванд, назоратро ҷиҳати иҷрои фармону фармоишҳои ВҲИ, ВҲК ва Роҳбари Дастгоҳ ба роҳ мемонад;
- корро оид ба риояи тартиби баррасии муроҷиатҳои ба шуъба (бахш) воридгардида ташкил мекунад;
- ба кормандони шуъба (бахш) ҳангоми баррасии муроҷиатҳо ёрӣ мерасонад;
- саривақт, холисона ва ҳаматарафа баррасӣ карда шудани муроҷиатҳои ба ВҲИ ва ВҲК воридгардида, ки ба вайрон намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон дахл доранд ва нисбати онҳо таҳия намудани хулосаҳоро тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Дастурамали тартиби баррасии муроҷиатҳои шаҳрвандон ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон зери назорат мегирад;
- ба шаҳрвандон оид ба масъалаҳои ҳуқуқие, ки ба салоҳияти шуъба (бахш) дахл доранд, машваратҳо медиҳад;
- муроҷиатҳое, ки назорати махсусро талаб мекунанд, инчунин дар мавридҳои мураккаб будани парванда назорати онро ба зиммаи худ мегирад;
- маводу ҳуҷҷатҳои заруриро оид ба масъалаҳое, ки бояд дар рафти баррасии муроҷиатҳо дар мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, корхонаҳо, ташкилотҳо ва муассисаҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ғайра маълум карда шаванд, тайёр мекунад ва бо имзои ВҲИ ё ВҲК мефиристад;
- ба кори таҳлил ва ҷамъбаст намудани натиҷаҳои баррасии муроҷиатҳои шаҳрвандон роҳбарӣ мекунад;
- тартиби муқарраршудаи бақайдгирӣ ва ба бойгонӣ супурдани муроҷиатҳои аз назорат гирифташударо амалӣ менамояд;
- дар тайёр кардани маърӯзаҳои солона ва махсус дар бораи вазъи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар бораи такмили қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи онҳо оид ба ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, инчунин дар тартиб додани маводҳо барои васоити ахбори омма иштирок мекунад;
- фармонҳо ва фармоишҳои роҳбариятро, ки дар доираи салоҳияти онҳо содир шудаанд, иҷро мекунад. Дар мавриди гирифтани фармон ва фармоишҳое, ки бо қонун мухолифат мекунанд, сардори шуъба (мудири бахш) вазифадор аст, ки меъёрҳои қонунро ба роҳбарӣ гирад;

- роҳбариятро аз ҳодисаҳои вайрон карда шудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба вай маълум гардидааст, фавран воқиф мегардонад;

- вазифаҳои кормандони шуъбаро (бахшро) тибқи тартиби муқарраргардида зери назорат мегирад;

- дар бораи такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон таклифҳо тайёр намуда, барои баррасӣ ба ВҲИ ва ВҲК пешниҳод мекунад.

**Боби 6. Ҳуқуқу уҳдадориҳои кормандони Дастгоҳи марказӣ**

6.1. Дар Дастгоҳи марказӣ мансабҳо тибқи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд. Номгӯи ҳайати техникӣ ва хизматрасонии Дастгоҳи марказӣ аз рӯи ҷадвали штатӣ муайян карда мешавад.

6.2. Корманди Дастгоҳи марказӣ аз рӯи шартҳои пардохти музди меҳнат, таъминоти иҷтимоию маишӣ, тиббӣ ва моддӣ бо категорияҳои дахлдори кормандони Дастгоҳи марказии Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баробар мебошанд.

6.3. Кормандони Дастгоҳи марказӣ вазифадоранд, ки корҳои супурдашударо саривақт ва босифат иҷро намоянд.

6.4. Кормандони Дастгоҳи марказӣ ҳуқуқ доранд:

- дар маҷлисҳои назди ВҲИ, ВҲК ва Роҳбари Дастгоҳ ҳангоми баррасии масъалаҳое, ки дар тайёр намудани онҳо ширкат варзидаанд, иштирок кунанд;

- ба роҳбарият пешниҳод ирсол намоянд;

- бо тартиби муқарраргардида ба иҷрои вазифаҳое, ки ба зиммаи воҳидҳои сохторӣ вогузошта шудааст, аз ҷумла гузаронидани мониторинг, санҷиш, ҷамъбастиҳо ҷалб карда шаванд.

6.5. Кормандони Дастгоҳи марказӣ инчунин дорои дигар ҳуқуқҳое мебошанд, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва дигар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамин Низомнома, дастурамалҳои мансабӣ, инчунин қоидаҳои тартиботи дохилӣ пешбинӣ гардидаанд.

6.6. Кормандони Дастгоҳи марказӣ ҳуқуқ надоранд:

- бо фаъолияти дигари музднок машғул шаванд, ба истиснои фаъолияти эҷодӣ, илмӣ ва омӯзгорӣ дар вақтҳои фориғ аз кори асосӣ;

- бо фаъолияти соҳибкорӣ машғул шаванд;

- оид ба парвандаҳои шахсони сеюм намоянда бошанд;

- сирри давлатӣ, хизматӣ, инчунин маълумотҳоеро, ки ба ҳаёт, номусу шарафи шаҳрвандон дахл дошта, ба онҳо бинобар иҷро намудани ваколатҳои хизматиашон маълум гаштаанд, фош кунанд.

6.7. Кормандони Дастгоҳи марказӣ, ба истисноии ҳайати техникӣ ва хизматрасон, хизматчиёни давлатӣ мебошанд. Кормандони Дастгоҳи марказӣ дар доираи салоҳияти муайяннамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамин Низомнома ва дигар санадҳои дахлдор дар муносибатҳо бо мақомоти давлатӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ ва

байналмилалӣ ва шаҳрвандон намояндагони мақомоти ВҲИ ба шумор меравaнд.

6.8. Ба кормандони Дастгоҳи марказӣ додани рухсатиҳо ва давомнокии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

6.9. Масъалаҳои фаъолияти кормандони Дастгоҳи марказӣ, ки бо ҳамин Низомнома танзим нагардидаанд, дар дастурамалҳои мансабӣ муайян карда мешаванд.

6.10. Ҳангоми қатъ гардидани фаъолияти хизматӣ кормандони Дастгоҳи марказӣ шаҳодатномаи хизматӣ, инчунин ҳамаи ҳуҷҷатҳоеро, ва дигар ашёю маводҳоро бо тартиби дахлдор месупоранд.

## Боби 7. Муқаррароти хотимавӣ

7.1. Тағйироту иловаҳо ба Низомномаи Дастгоҳи марказӣ бо пешниҳоди Роҳбари Дастгоҳи ВҲИ бо фармоиши ВҲИ ворид карда мешаванд.

7.2. Азнавташкилдиҳӣ ва барҳам додани Дастгоҳи марказӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.